# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

Шурои диссертатсионии 6D. КОА-024 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Зокиров Иброҳим Исмоилович дар мавзуи «Истиқрор ва рушди ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Хитой дар даврони истиқлолият (солҳои 1991-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих)

1. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 6D020201- Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих), ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, тахти № 24/шд тасдиқ гардида, (бо тағйири ҳайат аз 31-уми майи соли 2024, таҳти №167/шд) ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсия дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи мутолиоти шарқи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардидааст. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 6D020201- Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) мутобиқ мебошад. Мубрамии мавзуи рисолаи мазкур дар инъикоси муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой зоҳир мегардад. Чунки истиқлоли давлатӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити нави таърихиро дар самти тақвияти робитаҳои дуҷониба ба вуҷуд овард. Аз ин рӯ, таҳқиқи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой саҳми арзандае дар шинохти ҳамкориҳои байналмилалии Тоҷикистон, дарки мавқеъгирии Тоҷикистон ва Хитой дар равандҳои минтақавӣ ва иштироки муштараки давлатҳо дар доираи созмону ниҳодҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ба ҳисоб меравад.

Оғози солҳои 90-уми асри XX марҳалаи дигаргуниҳои қатъӣ дар таърихи халқи тоҷик гардид. Тоҷикистон 9 сентябри соли 1991 истиқлоли давлатиро ба даст овард. Аз ин лаҳза дар таърихи ҷумҳурӣ давраи нав оғоз меёбад. Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбурди сиёсати мустақили хориҷиро оғоз менамояд. Бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи рушди сиёсати хориҷии худ бо давлати ҳамсоя – Ҷумҳурии халқии Хитой қарор гирифт. Ҷумҳурии мардумии Хитой яке аз аввалин кишварҳое гардид, ки муносибатҳои дипломатиро бо Тоҷикистон барқарор намуд. Созишнома дар бораи барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ миёни Тоҷикистон ва Хитой, ки 4 январи соли 1992 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида буд, ба ҳамкориҳои ду кишвари ҳамсоя таҳрик бахшид. Соли 2017 дар табодули тиҷорати кишварҳо поёнравӣ ба назар расида, дар ин сол нишондодҳо миёни

Тоҷикистон ва Хитой 591,6 млн. доллар, аммо дар соли 2018 бо талоши ҳукуматҳои ду кишвари ҳамсоя табодули мол миёни онҳо ба 651,2 млн. доллари ИМА баробар гардид.

2. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо фарогири мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023 № 295) тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

3. Диссертатсия ба талаботи банди 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023 № 295) тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад. Диссертатсия кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа, нуктаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар равобити дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии халқии Хитой ва раванди таълим ба таври васеъ истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

4. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажуҳиши назарӣ ва амалии паҳлуҳои гуногуни ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Хитой дар солҳои 1991–2021 вобаста мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии халқии Хитой дар заминаи сиёсати ҳусни ҳамҷаворӣ ва арзишҳои таърихӣ дорои манфиатҳои муштарак буда, дар руёруи хатарҳои муосири ҷаҳонӣ дастаҷамъона баромад менамоянд. Дарёфти самтҳои нави афзалиятноки ҳамкорӣ, омӯзиши иқтидори иқтисодӣ, технологӣ, инноватсионӣ ва сармоягузориҳои ҷониби Хитой барои рушди иқтисоди кишвар ва фароҳам овардани зиндагии шоиста барои ҳар як шаҳрванди кишвар муҳим мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Зокиров Иброҳим Исмоилович истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровара шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Зокиров Иброҳим Исмоилович маълумоти ғайрисаҳеҳ дида намешавад.

Диссертатсияи Зокиров Иброҳим Исмоилович дар мавзуи «Истиқрор ва рушди ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Хитой дар даврони истиқлолият (солҳои 1991-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин тавсия карда шаванд:

- **Сайидзода Зафар Шералӣ** – доктори илмҳои таърих, мудири шуъбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақили Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;
- **Қудратов Комрон Абдунабиевич** – номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири шуъбаи татбиқи натиҷаҳои илмии Институти илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

Ба ҳайси муассисаи пешбар Муассисаи байнидавлатии таълимии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон» таъин карда шавад.

Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи ДМТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Зокиров Иброҳим Исмоилович дар мавзуи «Истиқрор ва рушди ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Хитой дар даврони истиқлолият (солҳои 1991-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) пешниҳод шудааст, баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ,

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Зокиров Иброҳим Исмоилович дар мавзуи «Истиқрор ва рушди ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Хитой дар даврони истиқлолият (солҳои 1991-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертӣ муҳақиқони зеринро, ки корҳои илмӣ – таҳқиқиашон ба ихтисоси 07.00.15- Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ мувофиқат дорад, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- **Сайидзода Зафар Шералӣ** – доктори илмҳои таърих, мудири шуъбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақили Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

- **Қудратов Комрон Абдунабиевич** – номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири шуъбаи татбиқи натиҷаҳои илмии Институти илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** Муассисаи байнидавлатии таълимии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон» тавсия дода шавад;

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи дисертатссия дар сомонаҳои ДМТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои таърих, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Латифов Ҷ.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои таърих, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Мирзоев Н.М.
19.08.2025
доктори илмҳои сиёсӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Муродова Н.С.